# ТАЪРИХ

## САВОЛҲО БО ИНТИХОБИ ЯК ҶАВОБИ ДУРУСТ

**1. Пеш аз оғози кадом воқеа чунин хабарҳо мерасиданд: *“... мувофиқи хабарҳое, ки ба шуъба мерасанд, аҳолии маҳаллӣ бениҳоят ба ғазаб омадааст ва сабабаш овозаҳое мебошанд, ки одамони пулдори босавод метавонистаанд худашон ба мардикорӣ нараванд, рафта хандакковӣ накунанду ба ҷойи ин маблағи муайян диҳанд. ... гап-гап шудааст, ки агар бойҳо ба мардикорӣ гирифта нашаванд, камбағалон ҳатман шӯриш мекунанд ...”*?**

**Ҷавоб:** шӯриши соли 1916 дар Хуҷанд **1 хол**

**2. Муҳимтарин воқеаи соли 1929-ро дар таърихи халқи тоҷик муайян кунед.**

**Ҷавоб:** ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон **1 хол**

**3. Кадом ҳоким аз рӯйи тартиби хронологӣ баъди дигарон ҳукмронӣ кардааст?**

**Ҷавоб:** Муҳаммадраҳимбӣ **1 хол**

**4. Сухан дар бораи қабули кадом қонун меравад?**
***“Моҳи феврали соли 1989 мавҷи эътироз ва гирдиҳамоиҳои зиёён баланд шуд. Талаби асосии онҳо қабули* Қонун... *буд.”***

**Ҷавоб:** “Дар бораи мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ” **1 хол**

**5. Дар кадом Конференсияи байналхалқӣ соли 1919 масъалаи ташкили созмони байналхалқии Лигаи Миллатҳо баррасӣ гардид?**

**Ҷавоб:** Конференсияи байналхалқии сулҳи Париж **1 хол**

**6. Мақсади “Нақшаи Маршалл” аз чӣ иборат буд?**

**Ҷавоб:** кумаки молиявии ИМА ба давлатҳои Аврупои Ғарбӣ **1 хол**

**7. Муаллифи ”Тоҷикон дар оинаи таърих” кист?**

**Ҷавоб:** Эмомалӣ Раҳмон **1 хол**

**8. Низоми ҷаҳонии сотсиализм дар кадом марҳалаи таърихӣ ба миён омад?**

**Ҷавоб:** баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон **1 хол**

**9. Сухан дар бораи кӣ меравад?**

***“... 1-уми феврали соли 1979 аз Париж ба Теҳрон баргашт ва 11-уми феврал бо роҳбарии ӯ Инқилоби Исломии Эрон пирӯз шуд”.***

**Ҷавоб:** Имом Хумайнӣ **1 хол**

**10. Кадом созмон соли 1964 дар Фаластин таъсис ёфта, то имрӯз барои истиқлолияти он мубориза мебарад?**

**Ҷавоб:** Созмони Озодибахши Фаластин **1 хол**

**11. Сохтори идоракунии давлатҳои Сосониён, Сомониён ва хилофати Аббосиён чӣ умумият доштанд?**

**Ҷавоб:** идораи кишвар тавассути девонҳо **1 хол**

**12. Лашкари кадом давлат соли 53-и то милод сипоҳи императори Рим Красро дар шаҳри Ҳаррон шикаст дод?**

**Ҷавоб:** Ашкониён **1 хол**

**13. Соли 622 дар таърихи ислом чӣ гуна воқеаи муҳим рӯй дод?**

**Ҷавоб:** ҳиҷрати Муҳаммад аз Макка ба Ясриб **1 хол**

**14. Санаи кадом воқеаи замони Сомониён нодуруст нишон дода шудааст?**

**Ҷавоб:** Соли 990 пойтахти Сомониён аз тарафи Насри Илокхон (Қарахонӣ) забт гардид. **1 хол**

**15. Сухан дар бораи кадом ҳодиса меравад?**
***"Корвон аз 450 тоҷир ... одамони бовариноки Чингиз иборат буд, ки онҳо дар ихтиёри худ 500 шутур тиллову нуқра, маснуоти абрешимии чинӣ ва пӯстҳои қиматбаҳо доштанд. Сарбозони Хоразм одамонро ба қатл расониданд ва молҳоро фурӯхта, пулашро ба хазинаи султон фиристоданд."***

**Ҷавоб:** "Фоҷиаи Утрор" дар соли 1218 **1 хол**

**16. Кадом минтақаҳои имрӯза дар асрҳои XVII – XVIII ҳудуди бекигарии Ҳисорро ташкил мекарданд?**

**Ҷавоб:** Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ, Ӯзбекистони Ҷанубӣ ва шимоли Афғонистон **1 хол**

**17. Муаррихони машҳури замони Шайбониён киҳо буданд?**

**Ҷавоб:** Хондамир ва Ҳофизи Таниш **1 хол**

**18. Кадом шоир соли 1529 барои ҳаҷв намудани Убайдуллохон ба қатл расонида шуд?**

**Ҷавоб:** Бадриддини Ҳилолӣ **1 хол**

**19. Заводи калонтарини равғанкашии Қӯқанд дар ибтидои асри XX ба кадом сармоядорони маҳаллии Осиёи Марказӣ тааллуқ дошт?**

**Ҷавоб:** Вадяевҳо **1 хол**

**20.** **Сарчашмаҳои асосии ташаккули ҳаракати ҷадидия кадомҳоянд?**

**Ҷавоб:** ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш, таъсири ҳаракати тоторҳо, инкишофи муносибатҳои молию пулӣ ва матбуоти даврӣ **1 хол**

## САВОЛУ МАСЪАЛАҲО БО МУАЙЯН КАРДАНИ МУВОФИҚАТ

**21.** **Мувофиқати сана ва рӯйдодро муайян намоед:**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Ҷавоб:** | 9-уми сентябри соли 1991 | ⟶ | эълони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон | **1 хол** |
| | 6-уми ноябри соли 1994 | ⟶ | қабули Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон | **1 хол** |
| | 24-уми ноябри соли 1991 | ⟶ | аввалин интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи раъйпурсӣ | **1 хол** |
| | 16-уми ноябри соли 1992 | ⟶ | рӯзи оғози Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | **1 хол** |

**22.** **Мувофиқати мафҳум ва шарҳи онро муайян намоед:**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Ҷавоб:** | “Иттифоқи ҷуфтгарон” | ⟶ | ташкилоти касабавию сиёсии пролетарҳои деҳоти Осиёи Миёна | **1 хол** |
| | “Коммунизми ҳарбӣ” | ⟶ | сиёсати давлати Шӯравӣ дар давраи гузариш аз капитализм ба сотсиализм | **1 хол** |
| | кооператсияи истеъмолӣ | ⟶ | ташкилоти ёрирасони давлати Шӯравӣ барои дастгирии хоҷагиҳои яккадаст | **1 хол** |
| | сиёсати нави иқтисодӣ | ⟶ | чорабинии давлати Шӯравӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ барои таъмини ҷабҳа бо озуқа | **1 хол** |

**23.** **Мувофиқати маълумоти сутунҳои чап ва ростро муайян намоед:**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Ҷавоб:** | агрессия | ⟶ | таҷовузи низомӣ бо мақсади забт намудани ҳудуд | **1 хол** |
| | блокада | ⟶ | муҳосира, маҷмӯи чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ | **1 хол** |
| | бундесвер | ⟶ | неруҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Федеративии Олмон | **1 хол** |
| | бундестаг | ⟶ | мақоми олии намояндагии Ҷумҳурии Федеративии Олмон | **1 хол** |

**24. Мувофиқати маълумоти сутунҳои чап ва ростро муайян намоед:**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Ҷавоб:** | рамаи одамони ибтидоӣ | → | шикорчиён | **1 хол** |
| | косибии аввалин | → | кулолгарӣ | **1 хол** |
| | сарвари ҷамоаи авлодӣ | → | модар | **1 хол** |
| | бошишгоҳи аввалини одамон | → | ғор | **1 хол** |

**25. Мувофиқати унсурҳои сутунҳои чап ва ростро муайян кунед:**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Ҷавоб:** | оброк | → | андози пулӣ аз замин | **1 хол** |
| | десятина | → | воҳиди ченаки замин | **1 хол** |
| | бонк | → | муассисаи гардиши асъор | **1 хол** |
| | дивидент | → | даромад аз саҳмия | **1 хол** |